# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ:таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ.).**

Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва такмили низоми қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба татбиқи дурусти ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамоянд. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Н.М. «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» низ пеш аз ҳама бо зарурати омӯзиши амиқи моҳият, хусусият ва ҷойгоҳи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ асос меёбад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муҳимтарини ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, то ҳол доир ба мафҳум, мазмун, асосҳои пайдоиш, марҳилаҳои татбиқ ва таносуби он бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ягонагии назар вуҷуд надорад. Ихтилофи назарҳои олимон нисбат ба табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ, лаҳзаи ба вуҷуд омадани он, инчунин масъалаи фарқгузории он аз ҷазои ҷиноятӣ зарурати таҳқиқоти мукаммали назариявиро ба миён меорад.

Мубрамияти мавзуъ ҳамчунин бо ислоҳоти пайвастаи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин зарурати мутобиқ намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Дар чунин шароит омӯзиши умуминазариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои такмили механизми танзими ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини адолати судӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Илова бар ин, масъалаҳои марбут ба асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, принсипҳои татбиқи он, ҳудуди таъсири ҳуқуқии давлат нисбат ба шахси ҷиноятсодиркарда ва муносибати байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар шароити муосир таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмиро талаб менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти умуминазариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгониҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум, моҳият, хусусият, намуд, принсипҳо, асосҳои ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро гирифтааст. Пешниҳод ва хулосаҳои муаллифӣ ҷиҳати такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ ва умуман ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин самт нигаронида шудаанд. Онҳо арзишмандиву мубрамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо собит менамоянд.

Муаллиф дар хулоса ва пешниҳодҳои илмиаш натиҷаҳои нави илмӣ пешниҳод намудааст, ки барои фаҳмидани хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти калидӣ доранд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар диссертатсия як қатор ҷанбаҳо ба тавзеҳи иловагӣ ниёз доранд. Муаллиф дар саҳифаи 4 автореферати диссертатсия иброз доштааст, ки айни замон намудҳои мухталифи кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла киберҷиноятҳо, ҷиноятҳои иқтисодӣ, шаклҳои нави содиршавии ҷиноятҳои террористию экстремистӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ зуҳур намуда истодаанд. Дар посух ба чунин таҳдидҳо давлат қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи онро такмил дода, барои муқовимат бо намудҳои нави кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ чораҳои ташкилӣ ва ҳуқуқиро амалӣ менамояд. Муаллифро зарур аст, ки чораҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат бо намудҳои нави кирдорҳои зиддиҳуқуқиро ба таври пурра шарҳ медод. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки дар

ҳимояи ошкорои диссертатсия роҷеъ ба мавзуи мавриди назар тавзеҳи иловагиро баён медошт.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунанда намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои мавриди баррасӣ хусусияти баҳснок ва мубоҳисавии илмӣ доранд.

Таҳқиқоти Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо мукаммал ва ҳамаҷониба буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро мегирад. Муаллиф тавонистааст пешниҳодҳои мушаххас ва амалишавандаро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳия намояд.

Бо назардошти асосҳои зикршуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи унвонҷӯ Шодизода Н.М. оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда паҳлуҳои гуногуни масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро бисёр хуб омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба чоп расонидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ:таҳқиқоти умуминазариявӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқгардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295), мутобиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Декани факултети таърих, ҳуқуқ
ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ, н.и.ҳ., дотсент: Каримҷонзода М.К.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ, хонаи 15
E-mail: manuchehr.karimzoda907000226@gmail.com
Тел.: (+992) 943201000

**Имзои М.К. Каримҷонзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

«03» 06 2026 с.

Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел.: (+992 3322) 2-35-06; (+992 3322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: info@kgu.tj, somona@kgu.tj
Сомонаи интернетӣ: www. kgu.tj